# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи номзадии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Рисолаи номзадии Буриев Бахтиёр Болтаевич тадқиқоти илмии анҷомёфтаи тахассусӣ буда, ба омӯзиши яке аз масъалаи мубрами педагогика – ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ бахшида шудааст. Муҳаққиқ масъалаи мазкурро аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ асоснок карда, методҳо ва тарзҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагонро тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ коркард намудааст.

Диссертатсияи номзадӣ аз бахшҳои «Муқаддима», се боб, бахши «Хулосаи умумӣ», адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 215 саҳифаи матни компютерӣ буда, 12 расму гистограмма ва 4 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби рисола умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 198 номгӯй мебошад.

Муҳаққиқ натиҷаҳои кори тадқиқотиашро дар 34 интишорот инъикос намудааст, ки 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳадафи тадқиқот аз таҳия ва ба таври озмоишӣ санҷидани самаранокии амсилаи дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ иборат мебошад.

Барои самаранокии тадқиқот вазифаҳои он ба тариқи зайл муайян шудаанд:

1. Ба таври назариявӣ асоснок кардани мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Муайян намудани методҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

3. Таҳия амсилаи дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ.

4. Баррасии таърихӣ ва математикии мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ва муайян кардани шароити истифодаи он дар дарсҳои математикаи муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ.

5. Муайян кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани методҳо ва равишҳои татбиқи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар таълими математикаи МТМУи муосир.

6. Бо роҳи озмоишӣ санҷидани самаранокии амсилаи дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ.

7. Таҳияи тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ.

Навгониҳои илмии тадқиқотро инҳо ташкил медиҳанд:

✓ мафҳум ва моҳияти қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ба таври назариявӣ асоснок карда шудааст;

✓ методҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ муайян карда шудааст;

✓ амсилаи дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия гардида, ба таври озмоишӣ санҷида шудааст;

✓ мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ аз нигоҳи таърихӣ ва математикӣ баррасӣ гардида, шароити истифодаи он дар дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст;

✓ методҳо ва равишҳои татбиқи мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар таълими математикаи муосири мактабӣ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст;

✓ самаранокии амсилаи дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ ба таври озмоишӣ санҷида шудааст;

✓ барои омӯзгорони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ тавсияҳои методӣ таҳия карда шудааст.

Аҳамияти назариявии тадқиқот ин аст, ки амсилаи дидактикии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия карда шудаанд. Истифодаи он тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар амалияи таълимӣ ба рушди ҳаматарафаи хонандагон мусоидат мекунад: тафаккури эҷодии онҳоро шакл медиҳанд, таваҷҷуҳи маърифатиро ташаккул дода, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мегардонад. Ин равиш таълими анъанавии математикиро ғанӣ ва онро шавқовартар ва самаранoктар мегардонад.

Аҳаммияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки:

✓ амсилаи таҳиягардидаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ, ки бо риояи маҷмуи шароити педагогии татбиқи ин модел амал мекунад, ба раванди таълимии мактабҳои таҷрибавӣ ворид карда шудааст;

✓ дастурҳои таълимӣ-методӣ оид ба истифодаи тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ дар раванди дарси математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва нашр карда шуданд, ки ба татбиқи модели ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ равона карда шудаанд;

✓ тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони математика оид ба ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ таҳия карда шуданд.

Автореферати диссертатсия вобаста ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст ва ба пуррагӣ мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса, кори тадқиқотии Буриев Бахтиёр Болтаевич таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта маҳсуб ёфта, аз рӯйи ҳаҷми корҳои ба нашр расида, арзиши назариявӣ ва амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, мудири кафедраи
методикаи таълими физикаи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ, н.и.п., дотсент Умаров У.С.

**Суроға:** 734003. ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ – 121. МДТ «Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ»,
Тел: (+992) 935-94-93-28.

19.08.2025

Имзои У.С. Умаровро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС